# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2013, №235»

Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2013, №235» ҷиҳати иҷрои қисми 4 банди 2 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" ва банди 10 Нақшаи кори Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, ки 14 январи соли 2025 аз ҷониби Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Тайи чанд соли охир дар низоми бонкии кишвар намудҳои нави хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамзҳо ва пардохтҳои бетамос ворид шуда, сатҳи истифодаи онҳо аз ҷониби муштариён бо суръати баланд афзуда истодааст. Дар баробари рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва оммавигардии онҳо як қатор мушкилиҳои нав, аз қабили сатҳи нокифояи таъмини амнияти иттилоотӣ, ҷой доштани амалҳои қаллобӣ ва нокифоягии дониши молиявии муштариён ба миён омадаанд, ки метавонанд боиси паст шудани боварӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ гардад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади ҳалли мушкилиҳои мазкур тасмим гирифта шуд ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз аз 26 сентябри соли 2013, №235 тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Дар доираи тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур, масъалаҳои ҷорӣ кардани технологияҳои муосир, муҳофизати маълумоти муштариён, пешгирии амалҳои қаллобӣ, таъмини амнияти замимабарномаҳои мобилӣ, интернет-бонкинг, терминалҳо, банкоматҳо ва дигар воситаҳои пардохтӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши молиявии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо мавриди танзим қарор мегиранд.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори мазкур ба густариши иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи амнияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, баланд шудани сатҳи дониш ва фарҳанги молиявӣ, кам шудани хисорот аз қаллобӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Қабули қарори мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.

Муовини раис Икромӣ С. С.